**Паёми иди Фасњи**
**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**
**ба кашишњои олимартаба, кашишњо, диаконњо, роњибон**
**ва тамоми фарзандони боимони Калисои Православии Рус**

**Дилдодагони Худованд Ҳазрати кашишњои олимартаба,**
**пресвитерњо ва диаконњои шариф, роњибон ва роњибањои худодӯст,**
**бародарон ва хоњарони арљманд!**

Аз ин иди бузург ва шарифи Эҳёи Наҷотдиҳандаи олам ботинан шодмонӣ карда, хаёлан уруљи Ӯро аз тобут тасаввур намуда, барои якояки шумо нидои некбинона, саршор аз неруи ботинӣ, ҳақиқати фатҳнопазир ва ништотро мерасонам:

**МАСЕЊ ЭЊЁ ШУД!**

Шаби мунири фасҳ барои башарият тамомияти муҳаббати Худовандиро зоҳир месозад, ки Писари ҷовидонии Падари Самовотӣ ба худ табиати одамӣ гирифт, ӯро аз маризии гуноҳ шифо бахшид ва ба жарфноњои дӯзах фаромада, кишанҳои маргро несту нобуд карда, бароямон имконоти бебаҳои ваҳдат бо Офаридгор ва Парвардигори худро ато фармуд.

Ба ин муҳаббати фарогири Худованд шарик шуда, мо соҳиби силоҳи мағлубнопазире *бар зидди ҳукмронони ҷаҳолати ин аср, бар зидди рӯҳи адовати заминӣ* (Еф. 6, 12) мегардем. Мо ҳаросеро рафъ месозем, ки маҳдудияти табиати инсонии мо ба миён овардааст, ва қобилияти бебокона нигаристан ба рӯи ҳар ситезаљӯии айёмро ба даст меорем. Зеро *дар муҳаббат њаросе нест, балки муҳаббати комил њаросро бадар меронад* (1Юњ. 4, 18).

Тасодуфӣ нест, ки Инҷил мукаррараран ба мо суханони Худовандро мерасонад, ки Ӯ барои рӯҳбаландӣ, қавӣ кардани рӯҳи пайравони Худ ба забон оварда буд: *Натарс!* Тарс аз оянда, ҳарос аз хатарҳо, таҳдидҳои маҷҳул, хаёлӣ ё воқеӣ - ин эҳсосоти барои бисёриҳо ошност. Аммо Худованд бо мост, агар фақат худамон Ӯро инкор накунем. Ва дар рӯзҳои мадҳи пирӯзии Ӯ бар марг аз нав ба ҳар кадоми мо нидо мекунад: *Натарс, фақат имон овару бас!* (Марқ. 5, 36).

Бигзор рафтори мо, ки ба рӯҳи шайтонии ин қарн мухолиф аст, тасдиқи боризи Ҳақиқати Абадӣ гардад. Зеро, гарчанд ҳоло мо дар шароити озодии ҷамъиятӣ ва динӣ қарор дорем, кӯшиши зистан мутобиқи меъёрҳои ахлоқии масеҳӣ мисли пешина маънои ҳаракат ба муқобили ҷараёнро дорад. Он бо

ҳамон қолабҳои рафтор ва мавқеи сафед кардани гуноҳ, ки бо исрор ва муназзамона ба зиндагии одамон аз тариқи воситаҳои муосири таъсиррасонӣ ба шуур ворид карда мешаванд, мухолиф аст.

Ба Худованд рӯ оварда, мо метавонем аз халои маънавї ва худхоњии дар љањон њукмрон рањо шавем, нури Эњёро бубинем, онро чун нишони роњнамо дар рањпаймої ба сўи Билоди Малакутї бипазирем.

Сарчашмаи неру дар ин њаракат ба сўи абадият бигзор бароямон шарик шудан ба љоми воњиди Евхаристї бошад. Бигзор неъмати Рўњи Муќаддаси кулл ба рўњи мо осоиши људоинопазир, мустањкамии имон, комгорї дар накўкорї ато намуда, моро тањким бахшад.

Ба Љисму Хуни Масењ њамроњ шуда, мо, ба гуфтаи Китоби Муќаддас, шарики *Табиати илоњї мегардем* (2 Пет. 1, 4), ки ќодир аст њолати табии худро тағйир дињад. Аз тариќи чашидани нону шароби табаррукї мо имкон пайдо мекунем то батамом шабењи Он касе шавем, ки ба хотири мо *Худро кам дониста, ба сурати ғулом даромад ва ба одамон монандї пайдо карда, ба зоњир мисли одамизод шуд; ва Худро фурўтан сохта, то вақти мамот, то дами мавти салиб фармонбардор буд* (Флп. 2, 7-8).

Ахлоќан ва рўњан худ худро тағйир додан гарави аслї ва асосе барои дигаргун сохтани зиндагии љомеа, халќ ва мамлакат мебошад. Бидуни такмил додани љузъиёт наметавон куллро бењбудї бахшид. Кайфияти аќлонии дурусти одамони тамоми синну солњо, гурўњњои иљтимої ва сиёсї мустаќиман бењбудии Ватанро муайян менамояд. Аз он ки самтгирии њаётии мо чї гуна хоњад буд, роњи рушди тамоми давлатњои Руси таърихї, Калисои мо ва нињоят – тамоми махлуќоти Худованд, ки Офаридгор ба мо додааст то њифз ва *нигањдорї намоем онро* (Ҳас. 2, 15), вобаста хоњад буд.

Бо дуоям ба якояки шумо, азизонам, фарањмандии бидуни заъф аз Фотењи Эњёгаштаи дўзах ва ёрии пурбаракати самовотиро дар корњои рўзмарраи шумо таманно дорам.

**БАРЊАЌ ЭЊЁ ШУД МАСЕЊ!**

Омин.

**+ КИРИЛЛ,**
**ПАТРИАРХИ МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

*Маскав,*
*Фасњи Масењ,*
*Соли 2012.*